# Фаъолияти департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2023

## Танзими қонунгузорӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО

Бо мақсади таҳкими низоми миллии муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом (минбаъд – МҚД/МТ/МПСҚО) ва мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии самти мазкур ба талаботи тавсияҳои Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии мубориза бар зидди пулшӯӣ (ФАТФ) дар соли 2023 корҳои зерин анҷом дода шудааст:

- дар ҳамкорӣ ва бо кумаки техникии Хазинаи байналмилалии асъор (ХБА) лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом»-ро дар таҳрири нав таҳия намуд, ки он аз 15 марти соли 2023, №1950 қабул гардид;
- дар ҳамкорӣ ва бо кумаки техникии ХБА лоиҳаи дастурамали №257 дар бораи санҷиши дахлдори муштариро таҳия намуд, ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2023, №85 тасдиқ ва дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 сентябри соли 2023, №1254 ба қайди давлатӣ гирифта шуд;
- лоиҳаҳои Қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» таҳия гардид, ки онҳо айни замон дар раванди мувофиқасозӣ бо вазорату идораҳо қарор доранд;
- лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2013, №443 «Дар бораи таъсиси Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» таҳия ва бо назардошти пешниҳодҳои вазорату идораҳои дахлдор такмил гардида, ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст;

Ғайр аз ин, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии мубориза бо маблағгузории терроризм ва экстремизми байналмилалӣ корҳои зерин ба анҷом расидааст:

- лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси Ёддошти тафоҳум байни Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон ва Хадамоти мониторинги молиявии Ҷумҳурии Озарбойҷон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мубодилаи иттилооти кашшофии молиявӣ вобаста ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, ҷиноятҳои асосӣ (предикатӣ) ва маблағгузории терроризм таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 апрели соли 2023, №144 маъқул диниста шуд;

- лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси лоиҳаи Ёддошти тафоҳум байни Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон ва Хадамоти мониторинги молиявии назди Вазорати молия ва иқтисоди Туркманистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи МКД/МТ/МПСҚО таҳия гардид, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2023, №152 маъқул дониста шуд;

- инчунин, лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси лоиҳаи Ёддошти тафоҳум байни Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон ва Воҳиди тафтишоти молиявии Арабистони Саудии Президиуми амнияти давлатии Подшоҳии Арабистони Саудӣ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мубодилаи иттилооти кашшофии молиявӣ вобаста ба КД/МТ ва ҷиноятҳои ба онҳо алоқаманд таҳия гардид, ки тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2023, № 564 маъқул дониста шуд;

- лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси лоиҳаи Созишнома дар бораи таъсиси Маркази байналмилалии баҳодиҳии хавфҳои КД/МТ таҳия гардида, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 сентябри соли 2023, №623 маъқул дониста шуд;

- бо мақсади гузарондани расмиёти дохилидавлатӣ барои эътибор пайдо намудани Шартномаи давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи МКД/МТ/МПСҚО, ки 15 октябри соли 2021 ба имзо расидааст, лоиҳаҳои пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси тасдиқи Шартномаи зикргардида, инчунин лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи номгӯи мақомоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои амалӣ

намудани Шартнома масъуланд” таҳия гардид. Шартномаи мазкур бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 октябри соли 2023, №1062 тасдиқ гардид. Номгӯи мақомоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои амалӣ намудани Шартномаи мазкур масъуланд *(Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон)* бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 2023, №656 тасдиқ карда шуд;

- бо мақсади гузарондани расмиёти дохилидавлатӣ барои эътибор пайдо намудани Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ба Созишнома дар бораи Гурӯҳи Авруосиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм ва Низомнома дар бораи тартиби ташаккул ва иҷрои буҷети Гурӯҳи Авруосиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм, лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва лоиҳаи қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси тасдиқи Протоколи зикргардида таҳия гардид. Протоколи мазкур бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2023, №524 маъқул дониста шуда, бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2023, №1183 тасдиқ карда шуд.

Илова бар ин, маълумот вобаста ба ҳисоботи 5-уми пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дархости бозбинии рейтинг омода ва ба Гурӯҳи Авруосиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм (ГАО) ирсол гардид.

## Фаъолияти амалӣ

Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдор дар самти МҚД/МТ/МПСҚО ҷиҳати мусоидат ба таъмини амнияти миллии кишвар тамоми чораҳои заруриро андешида истодааст.

Дар ин замина, доир ба масъалаи ҳамкорӣ ва мубодилаи иттилоот бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ватанӣ ва мақомоти кашшофии молиявии хориҷӣ диққати махсус дода мешавад, ки ин дар ошкор ва пешгирӣ кардани ҳолатҳои марбут ба ҚД/МТ/МПСҚО нақши арзанда дорад.

Дар соли 2023, ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ватанӣ ва мақомоти кашшофии молиявии хориҷӣ тақвият дода шуда, дархостҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ватанӣ ва дархостҳои мақомоти кашшофии молиявии хориҷӣ баррасӣ ва посуххҳои мушаххас ба онҳо манзур карда шудааст. Инчунин, дар рафти баррасии

дархостҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва таҳлили ҳамаҷонибаи маводҳои ташаббусии департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон, ба мақомоти кашшофии молиявии хориҷӣ тавассути шабакаи “Эгмонт” **74 адад дархост** ирсол карда шудааст.

Илова бар ин, бо мақсади иҷрои ваколатҳо ва уҳдадориҳои тибқи талаботи қонунгузории кишвар вогузоршуда, инчунин мусоидат ба амнияти миллӣ ва суботи молиявии кишвар ҳамарӯза амалиётҳои бонкии дорои хусусияти шубҳанок, ки унвонии департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон ворид мегарданд, таҳти мониторинги доимӣ қарор дода мешаванд. Дар сурати ошкор шудани маълумоти дорои қобили таваҷҷуҳ, таҳлилҳои ҳамаҷонибаи онҳо гузаронида шуда, натиҷаи он ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар аз рӯи салоҳдид барои чораандешии минбаъда ирсол мегардад.

Чунончи, дар ин давра дар самти ошкор ва пешгирии ҳолатҳои маблағгузории терроризм ва шомилшавии шаҳрвандон ба гурӯҳҳои террористӣ-экстремистӣ, инчунин пешгирӣ аз ҳолатҳои қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар умум **70 маводҳои ташаббусӣ** ирсол карда шудааст, ки аз он **53 мавод** доир ба ҷинояти маблағгузории терроризм ва **17 мавод** дар самти пешгирии ҳолатҳои қонунигардонии даромадҳо мебошанд.

***Мисоли корбарӣ бо пайравони гурӯҳҳои террористӣ:***

Дар натиҷаи таҳлили шабакаҳои иҷтимоӣ ва мессенджерҳо ҳолати маблағгузории фаъолияти яке аз узви фаъоли ташкилотҳои террористиву экстремистии фаъолияташон дар кишвар манъшуда шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо номи шахси А), ки барои содир намудани ҷинояти дар моддаи 307 иловаи 3 қисми 2 (ташкили фаъолияти экстремистӣ) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда ва дар ҷустуҷӯи расмӣ қарор дорад, муайян гардид.

Номбурда ва шариконаш тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, бахусус “Youtube” бо барномаҳои мустақими (онлайн) худ бо мақсади барангехтани кинаю адоват ва зиёд кардани сафи иғвогарон миёни шаҳрвандон наворҳои зидди давлату миллат пахш карда, бо пайравони худ ва ҷавонони гумроҳи кишвар баҳсҳо ва суҳбатҳо анҷом медиҳанд. Чунин баҳсу суҳбатҳо бештар атрофи масоили мухталифи дохили кишвар сурат гирифта, ҳатто масъалаҳои кучакро ба баҳсҳои сиёсӣ табдил медиҳанд.

Ҳарчанд аъзои фаъоли ташкилот ва иттиҳоди террористӣ ва экстремистӣ аз ҷониби созмонҳои гуногуни хориҷӣ маблағгузорӣ мешаванд, дар баробари ин

барои ҷамъоварии маблағ аз пайравон ва дигар шахсоне, ки ақидаашонро пайгирӣ мекунанд, дар барномаҳои мустақими худ рақамҳои телефон ва суратҳисобҳои бонкиро мегузоранд, то ин ки аз шаҳрвандон даромади иловагӣ ба даст оранд.

Дар яке аз барномаҳои мустақим, ки мунтазам тавассути “Youtube” пахш мегардад, бо мақсади пешбурди фаъолияти экстремистии худ рақами суратҳисоби бонкиро (№1111****2222) ҷиҳати ҷамъоварии маблағ гузоштааст.

Зимни ба роҳ мондани ҳамкории байналмилалӣ байни департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон ва Хадамоти Федералии мониторинги молиявии Федератсияи  Россия (Росфинмониторинг) муайян карда шуд, ки корти бонкии №1111****2222 ва шаш адад корти дигари барориши бонки ҶСО “Сбербонки Россия” ба номи шаҳрванди Ҷумҳурии Узбекистон (бо номи шахси Б) ба қайд гирифта шудааст.

Ҳангоми таҳлили маълумоти дастрасшуда аз Росфинмониторинг муайян карда шуд, ки дар соли 2023 1 207 шаҳрванди Тоҷикистон ва дигар шаҳрвандони хориҷӣ (бо фарқият аз рӯи ному насаб) ба корти бонкии №1111****2222 барои дастгирии молиявӣ маблағҳои пулӣ интиқол додаанд.

Дар натиҷа маълумоти дастрасшуда ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар ҷиҳати андешидани чораҳои ҳуқуқӣ ирсол карда шуд.

***Мисоли пешгирии ҳолатҳои ҷиноятҳои асосӣ (предикатӣ) ва қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда*:**

Дар давоми давраи ҳисоботӣ аз ҷониби қаллобон ҷалб шудани шаҳрвандони кишвар ба пирамидаҳои молиявӣ ва иштирок дар лоиҳаҳои бардуруғи сармоягузорӣ зиёд ба мушоҳида расида, мутаассифона қисмате аз шумораи аҳолӣ маблағҳои худро ба суратҳисоб ва ҳамёнҳои электронии қаллобон бинобар надоштани маълумоти кофӣ ва зудбовар будан гузаронидаанд.

Ҳарчанд намуди зоҳирии сомонаҳои қаллобон гуногун аст, вале сохти барномаҳо ва корбарӣ бо онҳо якранг мебошад. Дар бисёр ҳолатҳо видео-роликҳои кӯтоҳ бо нишон додани сиёсатмадорони маъруф аз Тоҷикистон ва хориҷи кишвар, ки гӯё онҳо барои пешниҳоди даромади иловагӣ ба мардум ташаббус кардаанд ва дар қисмати дигар бошад, расмҳои гуногун бо навиштаҷоти гирифтани даромад танҳо ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои мисол “2,0 ҳазор сомонӣ мегузоред” ва дар муддати якчанд соат “18,0 ҳазор сомонӣ даромад мегиред” ва ба ҳамин монанд қаллобони интернетӣ, ки бо чунин роҳҳо мардумфиребӣ намуда истодаанд. Аксаран қаллобон аз хориҷи кишвар фаъолияти ҷиноятии худро пеш мебаранд.

Танҳо дар як ҳолат гурӯҳе аз қаллобон соли 2022 вориди Тоҷикистон шуда, дар муддати кӯтоҳ худашонро дар Хадамоти шиносномавию бақайдгирии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурӣ ба муддати се моҳ ба қайд гирифта, инчунин рақами мушаххаси андозсупоранда дастрас намуда, дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ суратҳисобҳои бонкӣ мекушоянд ва баъдан ба хориҷи кишвар сафар менамоянд.

Номбурдагон шаҳрвандони яке аз кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил буда аз номи ширкати "Газпроминвест" бо истифода аз эълону рекламаҳои бардуруғи ҳавасмандкунанда, ки гӯё шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти аз ин лоиҳа гирифтани даромади зиёд доранд, мардумро ба доми фиреб мекашанд.

Вобаста ба фаъолияти қаллобии шаҳрвандони зикршуда аз ҷониби Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон маводи ташаббусӣ омода гардида, ба Вазорати корҳои дохилӣ ирсол карда шуд. Дар натиҷа парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба қаллобон оғоз карда шуд ва бо қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 143 адад суратҳисоб-кортҳои бонкии хориҷӣ ва ҳамёнҳои электронии қаллобон ҳабс гузошта шуд. Бояд гуфт, ки аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ раванди ба ҷустуҷӯи расмӣ эълон намудани гумонбарони болозикр корҳо оғоз карда шудааст.

Дар натиҷаи гузаронидани таҳлилҳо ва пайваста ворид шудани кормандони департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мизоҷ ба телеграм-канал, видео-роликҳо, рекламаҳо ва дигар барномаҳои қаллобон, инчунин корбарӣ бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар умум дар давраи ҳисоботӣ **1010 суратҳисоб-кортҳои бонкӣ** ва ҳамёнҳои электронии қаллобон, ки тариқи онҳо бо роҳи фиреб маблағҳои шаҳрвандон интиқол дода мешуд, баста шуд.

Дар ҳамкорӣ бо мақомоти кашшофии молиявии хориҷӣ феҳрасти ширкатҳо ва захираҳои интернетӣ, ки бо нишонаҳои фаъолияти ғайриқонунӣ дар бозорҳои молиявии кишвар, аз ҷумла давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил фаъолият мебаранд, таҳия карда шуда **(10 685 адад),** ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои назорат ва корбарӣ ирсол карда шуд. Ҳамзамон, бо назардошти ҳолатҳои баамаломада ва зиёд шудани шумораи ҷиноятҳои қаллобӣ рамзҳои шубҳанок, инчунин таҳияи меъёрҳои нави шубҳанок бо мақсади пешгирии саривақтии фаъолияти ғайриқонунӣ дар назар дошта шудааст.

Бояд гуфт, ки бо ташаббуси Бонки миллии Тоҷикистон ва дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ватанӣ моҳи апрели соли ҷорӣ барномаи телевизионӣ дар

мавзуи “Пешгирии амалҳои қаллобӣ дар фазои интернетӣ” омода ва тариқи шабакаҳои давлатӣ такрор ба такрор пешкаши тамошобинон гардонида шуд. Баъдан, бо иштироки намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон дар дигар барномаҳои телевизионӣ, инчунин тариқи радиои “Тоҷикистон” ва радиои “Азия Плюс” оид ба ин мавзуъ суҳбатҳо низ анҷом дода шуданд.

Ҳамзамон, видео-роликҳои кӯтоҳ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таҳия карда шуда, дар сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон, фейсбук, телеграм-канал, сомонаҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва кормандони онҳо нашр шуданд. Инчунин, видео-роликҳои мазкур ҷиҳати пайдарпай пахш шуданашон ба Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуданд. Дар баробари ин, ҷиҳати огоҳонидани мизоҷони худ аз амалҳои қаллобон, ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба унвони онҳо СМС паёмакҳо ирсол намуданд.

### НАЗОРАТ ДАР САМТИ МҚД/МТ/МПСҚО

Бо мақсади пешгирӣ намудани ҳолатҳои қонунвайронкунӣ, инчунин танзиму назорат дар соҳаи МҚД/МТ/МПСҚО аз тарафи кормандони Департамент дар якҷоягӣ бо дигар сохторҳои дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон нисбат ба субъектҳои ҳисоботдиҳанда мунтазам санҷишҳои соҳавӣ гузаронида мешаванд.

Дар давраи ҳисоботӣ ҷиҳати назорати иҷроиши талаботи қонунгузорӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО вогузоршуда, кормандони Департамент дар санҷиши ҳамаҷонибаи 26 ташкилоти қарзии молиявӣ ва суғуртавӣ, аз ҷумла 14 бонк, 10 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 1 ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ ва 1 ташкилоти суғуртавӣ, инчунин санҷиши мавзӯии 2 бонк иштирок намуда, аз натиҷаи онҳо санадҳои дахлдор тартиб доданд.

### ҚАБУЛ ВА КОРКАРДИ ИТТИЛООТ АЗ СУБЪЕКТҲОИ ҲИСОБОТДИҲАНДА

Ҷиҳати қабул, коркард ва таҳлили ҳисоботҳо дар самти МҚД/МТ/МПСҚО, ҳамарӯза аз ҷониби ташкилотҳое, ки бо маблағҳои пулӣ ё дигар молу мулк амалиёт анҷом медиҳанд, дар шакли муайяншуда маълумот оид ба аҳд/амалиётҳои шубҳанок ва ҳатман назоратшаванда пешниҳод гашта истодааст.

Дар самти пешниҳоди аҳд/амалиёти шубҳанок, бояд қайд намуд, ки дар натиҷаи гузаронидани таҳлили даврии пойгоҳи иттилоотӣ, шумораи зиёди амалиётҳое ба назар мерасиданд, ки аз ҷониби шахсони масъули ташкилотҳои қарзии молиявӣ (комплаенс) бе гузаронидани корҳои таҳлилӣ нисбат ба

амалиётҳои дар давоми рӯз гузаронидашуда, ҳамчун аҳд/амалиёти шубҳанок ба унвонии департамент ирсол мегардиданд.

Бо мақсади баланд бардоштани сифати аҳд/амалиётҳои шубҳанок, дар заминаи роҳнамо «Дар бораи тартиби ошкор ва ирсол намудани маълумот оид ба аҳд ва амалиёти шубҳанок», ки дар саҳифаи иттилоотии департамент нашр шудааст, шакли “Тавзеҳоти аҳд/амалиёти шубҳанок” омода гардид.

Дар ин робита, бо шахсони масъули ташкилотҳои қарзии молиявӣ (комплаенс) корҳои фаҳмондадиҳӣ дар самти шиносоӣ бо камбудиҳои ҷойдошта дар ҳисоботи №101 “Оид ба аҳд/амалиёти шубҳанок ва ҳатман назоратшаванда” ва омӯзиши дуруст пур намудани шакли нави “Тавзеҳоти аҳд/амалиёти шубҳанок” гузаронида шуд, ки дар натиҷа миқдори аҳд/амалиётҳои шубҳанок соли 2023 нисбат ба соли 2022 ба андозаи 64,4 фоиз кам гардидааст. Ҳамчунин, вобаста ба сифати ҳисоботсупорӣ қайд кардан лозим аст, ки дар нимсолаи дуюм назар ба нимсолаи якуми соли 2023 хатогиҳо нисбатан кам шудаанд.

Дар давраи зикршуда аз ҷониби кормандони департамент ба шахсони мутасаддии ташкилотҳои қарзии молиявӣ 44 омӯзиш ҷиҳати сари вақт ва дуруст пешниҳод намудани ҳисоботи №101 “Оид ба аҳд/амалиёти шубҳанок ва ҳатман назоратшаванда”, гузаронида шуда, дар ин замина ба онҳо номи истифодабаранда ва рамзи махфӣ оиди дастрасӣ ба барномаи коркарди маълумотҳо “Smart Vision +” дода шуд.

## ДАР САМТИ ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Дар самти ҳамкории байналмилалӣ корҳои муайяне ба сомон расонида шуда санаи 5 апрели соли 2023 дар ҳошияи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон “Ёддошти тафоҳум байни Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон ва Хадамоти мониторинги молиявии Ҷумҳурии Озарбойҷон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мубодилаи иттилооти кашшофии молиявӣ вобаста ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, ҷиноятҳои асосӣ (предикатӣ) ва маблағгузории терроризм” ба имзо расонида шуд.

Инчунин, дар ҳошияи сафари расмии Президенти Туркманистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, санаи 10 майи соли 2023 “Ёддошти тафоҳум байни Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон ва Хадамоти мониторинги молиявии назди Вазорати молия ва иқтисоди Туркманистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи муқовимат ба қонунигардонӣ

(расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом” ба имзо расонида шуд.

Ёддоштҳои тафоҳуми болозикр барои ҳамкориҳои мутақобила ва мубодилаи иттилооти тарафайн вобаста ба ҷиноятҳои алоқаманд ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм заминаи мустаҳкамро муҳайё намуда, дар шароити афзудани таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир, аз ҷумла шиддат гирифтани таҳдиду хатарҳои террористию экстремистӣ дар минтақа мусоидат менамояд.

Бо мақсади равнақ додани ҳамкорӣ бо дигар мақомоти кашшофии молиявии хориҷӣ лоиҳаи Ёддошти тафоҳум дар самти мазкур бо мақомоти кашшофии молиявии Арабистони Саудӣ тибқи тартиби муқарраргардида мавриди мувофиқа қарор дода шуда, дар ин замина бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2023, № 564 маъқул дониста шуд.

Дар баробари ин, ҳамкорӣ бо шарикони рушд ҷиҳати пурзӯр намудани низоми миллии МҚД/МТ/МПСҚО идома дошта, дар доираи кумаки техникии ХБА лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом” дар таҳрири нав таҳия гардид.

Рӯзҳои 6-10 феврали соли 2023 ташрифи расмии ҳайати департаменти ҳуқуқи ХБА бо мақсади мукаммал намудани низоми қонунгузории кишвар дар самти МҚД/МТ/МПСҚО сурат гирифта, дар Бонки миллии Тоҷикистон коршиносони ХБА бо иштироки намояндагони сохторҳои дахлдори бонк ва мақомоти дахлдори кишвар як қатор вохӯриҳо анҷом дода шуд.



Дар чараёни вохӯриҳои коршиносони байналмилалӣ бо намояндагони вазорату идораҳои кишвар дар баробари такмили қонунгузорӣ, масъалаи пурзӯр намудани назорати самти МКД/МТ/МПСҚО дар ҷумҳурӣ, инчунин риояи талаботҳои тавсияҳои ФАТФ мавриди муҳокимарониҳо қарор дода шуданд.

Дар доираи ҳамкорӣ бо Дафтари барномаҳои Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) дар Душанбе, имкон пайдо гардид, ки Баҳодиҳии хавфи миллии қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм (БХМ ҚД/МТ)-и навбатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби коршиноси сатҳи байналмилалӣ оғоз гардад.

Бо ин мақсад, рӯзҳои 25 - 27 апрели соли 2023 коршиноси ҷалбгардидаи сатҳи байналмилалӣ Бярне Хансен дар ҷумҳурӣ қарор дошта, дар Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар мақомоти дахлдори кишвар ҷиҳати муҳокимаи раванди баҳодиҳӣ, методологияи гузаронидани он дар Ҷумхурии Тоҷикистон ва пешниҳодҳо вобаста ба қадамҳои минбаъда, як қатор вохӯриҳои дуҷонибаю бисёрҷониба баргузор гардид.

Ҳамзамон бо ин, таҳти роҳбарии мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ – роҳбари Гурӯҳи корӣ оид ба БХМ ҚД/МТ Сироҷзода Сайфиддин дар чараёни вохӯриҳои коршиноси байналмилалӣ ҷаласаи навбатии гурӯҳи кории мазкур бо иштироки аъзо аз вазорату идораҳои дахлдори кишвар баргузор гардид.




Дар ин раванд, сафари дуюми коршиноси сатҳи байналмилалӣ 20-24 ноябри соли 2023 ба ҷумҳурӣ сурат гирифта, вохӯриҳо бо мақсади баррасии лоиҳаи ҳисоботи таҳияшуда бо аъзои Гурӯҳи корӣ оид ба БХМ ҚД/МТ барпо гардиданд.

БХМ ҚД/МТ самтҳои гуногун, аз ҷумла самтҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, коррупсия, мубориза бар зидди қочоқи маводи мухаддир, амният ва бахусус хавфҳои қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардаро инъикос менамояд, ки дар баҳодиҳӣ Гурӯҳи корӣ нақши ниҳоят муҳим мебозад.

Дар давоми ҳафта бо иштирокдорон лоиҳаи ҳисоботи зикршуда, ки дар он таҳдидҳои қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда дар бахшҳои гуногун, инчунин осебпазирӣ дар ташкилотҳои ҳисоботдиҳандаи кишвар арзёбӣ мешаванд, муҳокима гардиданд.

Дар назар дошта шудааст, ки ҳисоботи ниҳоии БХМ ҚД/МТ дар ҷаласаи Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба МҚД/МТ/МПСҚО, ки таҳти роҳбарии Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ амал менамояд, тасдиқ гардад.

Дар доираи лоиҳаи «Мусоидат ба шаффофият ва мубориза ба ҷиноятҳои иқтисодӣ»-и Барномаи волоияти қонун дар Осиёи Марказии Шурои Аврупо, рӯзҳои 28-31 марти соли 2023 дар шаҳри Душанбе семинар баргузор гардида, аз ҷониби онҳо ҷиҳати мусоидат намудан ба кор дар самти гузаронидани таҳлили стратегӣ «Дастур оид ба гузаронидани таҳлили стратегӣ» таҳия гардид.

Ҳамзамон бо ин, дар ҳамкорӣ бо Шурои Аврупо корҳо дар самти гузаронидани баҳодиҳии хавфҳои ҚД/МТ дар бахши шахсони ҳуқуқӣ идома дорад.

Дар давраи ҳисоботӣ кормандони департамент якҷо бо намояндагон аз вазорату идораҳои дахлдори кишвар дар ҷаласаҳои маҷозии Шурои роҳбарони мақомоти кашшофии молиявии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ШРМКМ ИДМ) ҷиҳати баррасии лоиҳаи Созишнома дар бораи таъсиси Маркази байналмилалии баҳодиҳии хавфҳои қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм (МББХ ҚД/МТ) ширкат варзида, таклифу пешниҳодҳои дахлдор манзур намуданд, ки дар натиҷа санаи 13 октябри соли 2023 дар шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон дар ҳошияи ҷаласаи Шурои сарони кишварҳои ИДМ санади мазкур ба имзо расонида шуд.

Дар ин асно, рӯзҳои 4-5 майи соли 2023 дар Бонки миллии Тоҷикистон вохӯрии ҳайати Хадамоти федералии мониторинги молиявии Федератсияи Россия (Росфинмониторинг) бо намояндагони департаменти мониторинги молиявӣ дар доираи муаррифии МББХ ҚД/МТ сурат гирифт.

Тарафҳо Консепсияи “бахши” бехатарии молиявӣ, вазифаю самтҳои асосии ҳамкорӣ, инчунин тартиби муайян кардани таҳдидҳои фавқулмиллиро дар асоси

Консепсияи мазкур муҳокима намуданд. Ҳамзамон, зимни воҳӯрӣ ва семинар истифодаи амалии фаъолияти МББХ ҚД/МТ, вазифаҳои асосии он, захираҳо ва усули таҳлил дар заминаи захираҳои маркази мазкур нишон дода шуд.



Боздиди намояндагони Росфинмониторинг ҳамчун оператори МББХ ҚД/МТ бо мақсади табодули таҷриба дар муайян намудани нуқтаҳои ҷараёнҳои молиявии руйпуш, инчунин ташкили корҳои муштарак оид ба пур кардани маркази мазкур бо маълумоти зарурӣ дар самти мазкур, натиҷаи назаррасро ба миён овард.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2004 узви ГАО буда, ҳамасола кормандони департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун роҳбар ва аъзои гурӯҳҳои кории ниҳоди мазкур дар кори онҳо саҳми худро мегузоранд.

Мақоми олии ГАО ҷаласаҳои пленарии он ба ҳисоб рафта, тибқи тартиб дар 1 сол 2 маротиба гузаронида мешавад. Санаҳои 4-9 июни соли 2023 дар шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон ҷаласаи 38-уми пленарии ГАО баргузор гардид, ки дар чаҳорчӯби он санаи 6 июн Форуми навбатии намояндагони кумитаҳои парлумони кишварҳои аъзои ГАО ва санаи 7 июн ҷаласаи 23-юми ШРМКМ ИДМ доир гардиданд.

Ҳамзамон бо ин, аз 4 то 8 декабри соли 2023 дар шаҳри Саняи Ҷумҳурии Мардумии Чин ҷаласаи 39-уми пленарии ГАО ва ҷаласаҳои гурӯҳҳои кории ин ниҳод баргузор гардид. Дар ҳошияи ҳафтаи пленарӣ, санаи 6 декабр семинар дар

мавзуи “Технологияҳои молиявӣ ва МКД/МТ” ва ҷаласаи 25-уми ШРМКМ ИДМ ташкил ва баргузор карда шуд.

### ҲАМКОРИИ БАЙНИИДОРАВӢ

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба МКД/МТ/МПСҚО бо максади баррасӣ ва муҳокимаронии масъалаҳои марбут ба самти мазкур амал менамояд, ки дар он роҳбарони мақомоти дахлдори давлатӣ аъзо буда, ҷаласаҳои Комиссия на кам аз як маротиба дар як сол таҳти роҳбарии Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ баргузор мегардад ва ҷаласаи навбатии Комиссия дар Бонки миллии Тоҷикистон санаи 30 августи соли 2023 ташкил ва баргузор гардид.

Дар ҷаласа масъалаҳои марбут ба иҷрои қарорҳои Пайнавишти ҷаласаи қаблии Комиссия, дастрасии департамент ба махзани маълумоти мақомоти давлатӣ, пешгирии амалҳои қаллобӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар масъалаҳо мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода шуд.

Дар баробари ин, маълумот оид ба иҷрои бандҳои дахлдори Нақшаи чорабиниҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба рафъи камбудиҳои мутобиқати техникӣ ва баланд бардоштани самаранокии низоми МКД/МТ/МПСҚО” аз ҷониби вазорату идораҳои мувваззафшуда пешниҳод гардид.

Ҳамзамон бо ин, санаи 28 сентябри соли 2023 департаменти мониторинги молиявӣ дуюмин ҷаласаи Шурои комплаенсро бо мақсади баррасии масъалаҳои марбут ба соҳаи МКД/МТ/МПСҚО, ки баррасии фавриро талаб менамуданд (аз ҷумла камбудиҳои дар фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҷойдошта, пешгирии шаҳрвандони кишвар аз амалҳои қаллобӣ бо роҳи маблағгузории онҳо ба пирамидаҳои молиявӣ), бо иштироки намояндагони мақомоти танзим ва назорати давлатӣ дар самти МКД/МТ/МПСҚО, аз ҷумла вазоратҳои адлия, молия, хадамоти алоқа, инчунин намояндагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ташкилотҳои суғуртавии кишвар баргузор намуд.

### ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗИ ОМӮЗИШӢ-МЕТОДӢ

Рӯзҳои 26 – 28 июли соли 2023, дар Бонки миллии Тоҷикистон бо ташаббуси маркази омӯзишӣ-методии департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон, чорабинии омӯзишӣ дар самти МКД/МТ/МПСҚО барои мутахассисон ва субъектҳои ҳисоботдиҳандаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар чорабинӣ намояндагони вазорат, ки бахшҳои дахлдори субъектҳои ҳисоботдиҳандаро назорат менамоянд, ҳамчунин иштирокдорони касбии бозори

коғазҳои қиматнок, биржаҳои мол, ширкатҳои аудиторӣ ва аудиторҳои инфиродӣ, муҳосибони касбӣ ва ташкилотҳои муҳосибӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба таври касбӣ металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, маснуоти заргарӣ аз онҳо, инчунин шикастапораҳои ин гуна маснуотро хариду фурӯш мекунанд, гаравхонаҳо, ташкилотҳо ва субъектҳои дигаре, ки тотализатор ва идораҳои букмекерӣ доранд, инчунин бозии лото, лоторея ва бозиҳои дигар, аз ҷумла дар шакли электронӣ мегузаронанд, ширкат варзиданд.

Шунавандагони курс бо самтҳои мухталифи мавзӯҳои марбут ба МКД/МТ/МПСҚО, аз ҷумла стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи мазкур, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти МКД/МТ/МПСҚО, инчунин пешниҳоди ҳисобот оид ба аҳд/амалиёти шубҳанок ва ҳатман назоратшаванда шинос шуданд.

Тибқи барномаи омӯзишии маркази омӯзишӣ – методии департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон барои соли 2023, рӯзҳои 18-20 октябр дар ш.Бохтар, 8-10 ноябр дар ш.Кӯлоб ва 14-16 ноябр дар ш.Хуҷанд чорабиниҳои омӯзишӣ дар самти МКД/МТ/МПСҚО барои кормандони ташкилотҳои қарзии молиявии ин минтақаҳо бо иштироки намояндагони департамент баргузор гардиданд.

Мақсад аз баргузории ин чорабиниҳо баланд бардоштани дараҷаи тахассусии мутахассисон дар самти МКД/МТ/МПСҚО, инчунин фаъолияти амалӣ дар ин самт ба ҳисоб мерафт. Дар ин чорабиниҳои омӯзишӣ дар қатори масъулини самт, аз зерсохторҳое, ки бештар бо мизоҷон хизматрасонии бонкиро амалӣ менамоянд (хусусан амалиётгар-нозирони филиалу МХБ-ҳо) ширкат варзиданд.

Чорабинии омӯзишии ҷамъбастӣ рӯзҳои 13-15 декабри соли 2023, барои ташкилотҳои қарзии молиявии дар ш. Душанбе қарордошта дар бинои Бонки миллии Тоҷикисон баргузор гардид.

Дар рафти чорабиниҳои омӯзишӣ дар ҳама минтақаҳо аз ҷониби кормандони департамент рӯнамо дар мавзӯҳои гуногун вобаста ба фаъолияти умумӣ дар самти МКД/МТ/МПСҚО ба шунавандагон манзур гардиданд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар ин чорабиниҳои омӯзишӣ зиёда аз 250 нафар намояндагони ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар ширкат варзида, дар анҷом иштироккунандагон бо сертификат сарфароз гардонида шуданд.

Дар баробари ин, дар давраи ҳисоботӣ тариқи алоқаи видеоконференсия (маҷозӣ) дар ҳамкорӣ бо маркази байналмилалии омӯзишӣ-методии мониторинги молиявии Федератсияи Россия (МБОМММ) барои намояндагони мақомоти

кишвар ва департамент чорабиниҳои зерини омӯзишӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО баргузор гардидаанд:

- 3 марти соли 2023  - семинар ва мизи мудаввар дар мавзуи “Таҷрибаи пешқадам оид ба таҳия ва татбиқи алгоритмҳои таҳлили маълумоти аввалия бо мақсади муайян намудани тамоюлҳои манфии фаъолияти субъектҳои ҳисоботдиҳанда” (*Вазорати молияи ҶТ, Вазорати адлияи ҶТ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ, департаменти мониторинги молиявӣ*);

- 17 марти соли 2023 - семинар дар мавзуи “Таҷрибаи давлатҳои ГАО дар масъалаҳои бақайдгирӣ ва баҳисобгирии субъектҳои соҳибкорӣ, инчунин баҳисобгирии соҳибони бенефитсиар” (*Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ, департаменти мониторинги молиявӣ*);

- 28 марти соли 2023 - семинар ва мизи мудаввар дар мавзуи “Ташкили фаъолияти назоратӣ барои таъминкунандагони хизматрасониҳои пардохтӣ” (*Идораи низоми пардохт, департаменти мониторинги молиявӣ*);

- 4 апрели соли 2023 - семинар дар мавзуи “Таҷрибаи беҳтарин барои риояи ихтиёрии андоз” (*Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ, департаменти мониторинги молиявӣ*);

- 14 апрели соли 2023 - семинар ва мизи мудаввар дар мавзуи “Таҷрибаи ташкили назорати ташкилотҳои суғуртавӣ ва ломбардҳо оид ба риояи қонунгузорӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО” (*Вазорати молияи ҶТ, ҶДММ “Ломбард ташкилоти маблағгузории хурд”, Идораи назорати суғуртавӣ, департаменти мониторинги молиявӣ*);

- 21 апрели соли 2023 - семинар ва мизи мудаввар дар мавзуи “Таҷрибаи риояи тартиботи МҚД/МТ аз ҷониби  ташкилотҳои суғуртавӣ”;

- 28 апрели соли 2023 - семинар ва мизи мудаввар дар мавзуи “Таҷрибаи риояи тартиботи МҚД/МТ аз ҷониби ломбардҳо” (*Вазорати молияи ҶТ, департаменти мониторинги молиявӣ*);

- 12 майи соли 2023 - семинар ва мизи мудаввар дар мавзуи “Таҷрибаи пешқадам оид ба риояи қонунгузорӣ дар соҳаи МҚД/МТ дар фаъолияти иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок, депозитарии марказӣ” (*Вазорати молияи ҶТ, департаменти мониторинги молиявӣ*);

• 26 майи соли 2023 - семинар дар мавзуи “Таҷрибаи риояи тартиботи қонунгузорӣ дар соҳаи МҚД/МТ дар фаъолияти иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок, депозитарии марказӣ” (*Вазорати молияи ҶТ, ҶСП “Маҳфуздорандаи марказӣ”, департаменти мониторинги молиявӣ*);

• 2 июни соли 2023 - семинар дар мавзуи “Таҷрибаи амалӣ намудани тавсияи 16-и ФАТФ дар шароити рушди технологияҳои нав (транзаксияҳо тавассути ҳамёнҳои мобилӣ, пайвасти кортҳои бонкӣ)” (*Идораи низоми пардохт, департаменти мониторинги молиявӣ*);

• 14-15 июни соли 2023 - семинар дар мавзуи “Усулҳои нави пардохт ва дороиҳои виртуалӣ” (*Прокуратураи генералии ҶТ, Вазорати корҳои дохилии ҶТ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти ҶТ, департаменти мониторинги молиявӣ*) ;

• 30 июни соли 2023 - семинар ва мизи мудаввар дар мавзуи “Мубодилаи амалии таҷрибаи байни мақомоти кашшофии молиявӣ ва мақомоти салоҳиятдор оид ба таҳияи воситаҳои ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ва алоқаи мутақобил” (*департаменти мониторинги молиявӣ*);

- 14 июли соли 2023 - семинар ва мизи мудаввар дар мавзуи “Хусусиятҳо ва афзалиятҳои анҷом додани чорабиниҳои санҷишӣ нисбат ба субъектҳои ҳисоботдиҳанда барои баҳогузории иҷрои муқаррароти қоидаҳои назорати дохилӣ (ҚНД) (санҷиши дахлдори муштарӣ (СДМ), ошкор кардани амалиётҳо ва муштариёни шубҳанок, шахсони мансабдори оммавии хориҷӣ (ШМОХ), кор бо феҳристҳо ва қабули таҳримҳои мақсадноки молиявӣ (ТММ), рад кардани анҷомдиҳии амалиёт/хизматрасонӣ), аз ҷумла амалияи пешрафтаи татбиқи таҳримҳо барои қоидавайронкуниҳои ошкоршуда” (*Вазорати адлияи ҶТ, департаменти мониторинги молиявӣ*);

• 21 июли соли 2023 - семинар ва мизи мудаввар дар мавзуи “Баланд бардоштани малакаи мақомоти назоратӣ дар самти гузаронидани тадқиқотҳои типологӣ тибқи нақшаи ҷиноятҳо ва пешниҳоди алоқаи тарафайн оиди типологияҳо ва хавфҳо” (*Вазорати адлияи ҶТ, Вазорати молияи ҶТ, департаменти мониторинги молиявӣ*);

• 28 июли соли 2023 баргузории семинар ва мизи мудаввар дар мавзуи “Таҷрибаи таҳияи стратегияи миллии МҚД/МТ” (*Вазорати корҳои дохилии ҶТ,*

*Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ, департаменти мониторинги молиявӣ*);

- 4 августи соли 2023 баргузории семинар ва мизи мудаввар дар мавзуи “Гузаронидани баҳодиҳии хавфҳои назорати бахши хизматрасонии ҳуқуқӣ. Амалияи татбиқи равиши ба хавф нигаронидашуда дар назорати бахши хизматрасонии ҳуқуқӣ” (*департаменти мониторинги молиявӣ*);

- 11 августи соли 2023 баргузории семинар ва мизи мудаввар дар мавзуи “Гузаронидани баҳодии хавфҳо ва назорати бахши ғайриманқул” (*департаменти мониторинги молиявӣ*);

- 18 августи соли 2023 баргузории семинар ва мизи мудаввар дар мавзуи «Мубодилаи амалии таҷриба байни МКМ ва мақомоти салоҳиятдор оид ба таҳияи воситаҳои ҳамкорӣ бо бахшӣ хусусӣ ва алоқаи тарафайн» (*департаменти мониторинги молиявӣ*);

- 29 августи соли 2023 баргузории семинар ва мизи мудаввар дар мавзуи “Хусусиятҳои истифодаи шаклҳои ҳисоботи электронии ташкилотҳои молиявӣ барои гузаронидани мониторинги ҳамаҷонибаи фосилавӣ оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои шахсони масъул мутобиқи меъёрҳои ҚНД. Таҷриба ва амалияи пешқадам” (*департаменти мониторинги молиявӣ*);

- 01 ноябри соли 2023 баргузории семинар ва мизи мудаввар дар мавзуи “Баҳодиҳии хавфҳо ва назорати фаъолияти сохторҳои ғайритиҷоратӣ” (*Вазорати адлияи ҶТ, Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ, Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати ҶТ, департаменти мониторинги молиявӣ*);

- 3 ноябри соли 2023 баргузории семинар ва мизи мудаввар дар мавзуи “Таҷрибаи ошкор намудани амалиёти шубҳанок вобаста ба маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом” (*Прокуратураи генералии ҶТ, Вазорати корҳои дохилии ҶТ, Кумитаи давлатии амнияти миллии ҶТ, департаменти мониторинги молиявӣ*);

- 10 ноябри соли 2023 баргузории семинар ва мизи мудаввар дар мавзуи “Риояи низоми МКД/МТ барои бахши хизматрасонии ҳуқуқӣ, аз ҷумла адвокатҳо ва нотариусҳо, шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ барои ташаккули низоми назорати дохилӣ” (*Вазорати адлияи ҶТ, Саридораи нотариалии давлатии Вазорати адлияи ҶТ, Кумитаи адози назди Ҳукумати ҶТ, Иттифоқи адвокатҳои ҶТ, департаменти мониторинги молиявӣ*);

- 17 ноябри соли 2023 баргузории семинар ва мизи мудаввар дар мавзуи “Ҳамкории байнидавлатӣ оид ба масъалаҳои расонидани ёрии ҳуқуқӣ дар самти МКД/МТ/МПСҚО” (*Прокуратураи генералии ҶТ, Вазорати корҳои дохилии ҶТ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти ҶТ, департаменти мониторинги молиявӣ*);
- 24 ноябри соли 2023 баргузории семинар ва мизи мудаввар дар мавзуи “Ташкил ва амалӣ намудани назорати дохилӣ аз ҷониби операторони алоқаи мобилӣ/статсионарӣ/почта, риояи реҷаи МКД/МТ. Назорат дар соҳаи МКД/МТ” (*Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати ҶТ, департаменти мониторинги молиявӣ*);
- 01 декабри соли 2023 баргузории семинар ва мизи мудаввар дар мавзуи “Назорати риояи қонунгузорӣ дар соҳаи МКД/МТ дар фаъолияти аудиторҳо ва машваратчиёни андоз” (*Вазорати адлияи ҶТ, Вазорати молияи ҶТ, Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ, департаменти мониторинги молиявӣ*);
- 22 декабри соли 2023 баргузории семинар ва мизи мудаввар дар мавзуи “Тартиби боздоштан ва мусодираи пули нақд ё дигар молу мулки марбут ба МКД/МТ/МПСҚО аз сарҳади гумрукии кишварҳои Аврупо ва ИДМ. Таҷрибаи пешқадам барои мақомоти гумрук оид ба муайян кардани гардиши пули нақд ва дигар молу мулки марбут ба МКД/МТ/МПСҚО” (*Хадамоти гумруки назди Ҳукумати ҶТ, департаменти мониторинги молиявӣ*).

### Намоишгоҳи “Таҳсил ва касб дар соҳаи МКД/МТ”

Аз ҷониби маркази байналмилалии омӯзишӣ-методии мониторинги молиявии Федератсияи Россия (МБОМММ) дар якҷоягӣ бо Институтҳои шабакавии байналмилалӣ дар самти МКД/МТ дар заминаи Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, рӯзҳои 15-16 марти соли 2023, намоишгоҳ таҳти унвони “Таҳсил ва касб дар соҳаи МКД/МТ” баргузор гардид, ки дар он намояндагони департамент ширкат варзиданд.

Дар чорчубаи чорабинии мазкур мизи мудаввар бо иштироки намояндагони Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, МБОМММ, Институтҳои шабакавии байналмилалӣ дар самти МКД/МТ, Маркази илм ва фарҳанги Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Россотрудничество) ва департаменти мониторинги молиявӣ баргузор гардида, дар рафти он масъалаҳо вобаста ба барномаҳои таълимоти олӣ дар самти МКД/МТ, инчунин омодагӣ

барои иштирок дар марҳилаи III-юми Олимпиадаи байналмилалӣ доир ба бехатарии иқтисодӣ мавридӣ баррасӣ ва муҳокима қарор дода шуданд.

Ногуфта намонад, ки ҳамасола дар баробари дигар мактаббачагону донишҷӯёни кишварҳои ширкаткунанда, 10 нафар донишҷӯи макотиби олии кишварамон - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, ки бевосита аъзои Институти байналмилалии шабакавӣ дар самти МКД/МТ мебошанд, дар Олимпиадаи байналмилалӣ доир ба бехатарии молиявӣ (Олимпиада), ки рӯзҳои 2 - 6 октябри соли 2023 дар шаҳри Сочии Федератсияи Россия баргузор гардид, ширкат варзиданд.

24 нафар мактаббачагони Федератсияи Россия ва 105 нафар донишҷӯён (71 нафар аз Россия, 34 нафар аз кишварҳои хориҷӣ) ғолибу ҷоизадорони Олимпиада гардиданд. Аз Ҷумҳурии Тоҷикистон донишҷӯи курси 4-уми Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон – Ҷураева Мадина аз фанни ҳуқуқшиносӣ сазовори ҷои ифтихорӣ, дипломи дараҷаи 2 ва медали Олимпиада гардида, ҳамзамон ғолиби номинатсияи “Рӯзномаи финалистон” дониста шуд.

Бояд гуфт, ки дар баробари баргузории Олимпиада ва Форуму ҷаласаҳои корӣ, инчунин чанд мусобиқаи интеллектуалию варзишӣ низ байни донишҷӯён гузаронида шуд. Дар мусобиқаи фиҷитал-футбол, ки ҳам бозии интеллектуалӣ ва ҳам футболи ҳақиқӣ мебошад, донишҷӯи курси 4-уми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон – Рустамов Баҳриддин ба ҳайси сардори даста ширкат варзида, қаҳрамони бозии мазкур гардид ва бо ҷоми “Чор қитъа” ва компютери фардию роххат барои иштирок дар бозиҳои шаҳри Қазони Федератсияи Россия қадрдонӣ карда шуд. Дар назар аст, ки донишҷӯи номбурда аз ҳисоби Федератсияи Россия аз 21 феврал то 3 марти соли 2024 ба ҳайси ғолиби мусобиқаи зикршуда дар бозиҳои шаҳри Қазон ширкат хоҳад кард.

Дар доираи чорабиниҳои иловагии Олимпиада чанд дарси маҳорат (мастер-класс) низ доир гардид. Аз Ҷумҳурии Тоҷикистон муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон – Сафаров Баҳром Гулматович дар мавзуи “Ивазшавии салоҳияти касбии мутахассисони соҳаи бехатарии молиявӣ ва муқовимат ба қонунигардонии маблағҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм дар шароити муосир” барои иштирокдорони Олимпиада дарси маҳорат (мастер класс) гузаронд.

Ҳамзамон бо ин, дар ҳошияи Олимпиада дар маркази таълимии "Сириус" ҷаласаи 24-уми ШРМКМ ИДМ ва ҷаласаи машваратии коршиносони он баргузор гардид, ки дар кори он намояндаи департамент ширкат варзид.

Ҳамчунин, байни кормандони комплаенси бахши молиявии кишварҳои аъзои ГАО доир ба беҳтарин таҳлили молиявӣ озмун гузаронида шуда, намояндагони ҶСК “Бонки Эсхата” аз рӯи кейси худ бо рӯнамо баромад намуданд.

Илова ба гуфтаҳои боло, кормандони департамент дар чорабиниҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, ки пайваста аз ҷониби кишварҳои аъзои ГАО ва шарикони рушд ташкил ва гузаронида мешаванд, иштирок ва саҳми худро мегузоранд.

Дар ин давра, дар доираи кумаки техникии МБОМММ, намояндагони департамент санаҳои 18-19 майи соли 2023 барои иштирок дар Форуми муштараки намояндагони мақомоти назоратӣ ва Шӯрои байналмилалии комплаенс дар мавзуи “Тасвирҳои нави хатару таҳдидҳо: кори комплаенс ва назорат дар самти МҚД/МТ” ба ш.Москваи Федератсияи Россия сафарбар гардиданд.

Бояд иброз намуд, ки Форуми мазкур бо ташаббуси ГАО баргузор карда шуда, дар он намояндагон аз воҳидҳои иктишофи молиявӣ, мақомоти назоратӣ ва бахши хусусии кишварҳои аъзои ГАО барои иштирок даъват гардиданд. Аз Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, дар Форум ҳамчунин намояндагони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бахши хусусӣ (ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ки аъзои Шурои байналмилалии комплаенс мебошанд) ширкат варзиданд.

Ҳадаф аз баргузории Форум ин такмил додани назари ҳамаҷониба оид ба тасвирҳои тағйирёфтаи хавфҳои ҚД ва МТ, инчунин ҳамоҳанг намудани раванди кории мақомоти назоратӣ ва бахши хусусӣ дар кишварҳои аъзои ГАО мебошад.

Дар ҳамкорӣ бо Корпуси волонтёрони хизматрасониҳои молиявӣ (FSVC) санаҳои 25-27 сентябр семинари омӯзишӣ аз рӯи мавзуи “Пурзӯр кардани санҷишҳо ва ҳисоботдиҳӣ дар бораи таҳримҳо” барои намояндагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ, бахусус кормандони комплаенс ташкил ва гузаронида шуд.

Инчунин, моҳи майи соли равон бо ташаббуси FSVC дар доираи кумаки техникӣ семинари омӯзишӣ дар мавзуи “Вусъат додани иқтидор дар самти тафтишоти молиявӣ ва инфрасохтори муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳо бо иштироки кормандони департамент ва намояндагони ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар баргузор гардид.